# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Барномаи рушди муассисаҳои табобатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2025

Мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи рушди муассисаҳои табобатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2025 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи рушди муассисаҳои табобатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2025 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо иҷрои Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбинишавандаи буҷети давлатӣ барои соҳаи тандурустӣ ва маблағҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъмин намоянд.

3. Вазорати тандурстӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии техникии амалисозии Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро таъмин намуда, аз натиҷаи он ҳар сол то 20 январ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 26 октябри соли 2021, № 461

**Замимаи 1**
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 26 октябри соли 2021, №461

**БАРНОМАИ**
**РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТАБОБАТИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2025**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи рушди муассисаҳои табобатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2025 (минбаъд - Барнома) бо мақсади таъмини рушди муассисаҳои табобатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, давра ба давра муҷаҳҳаз намудани онҳо бо таҷҳизоти муосири тиббӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ таҳия гардидааст.
2. Барнома дар доираи амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст ва дар асоси таҳлили инфрасохтори муассисаҳои табобатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳодиҳии эҳтиёҷоти таъминнашуда ба маблағҳои асосӣ, дастрасӣ ва талабот ба хизматрасонии тиббии сифатнок таҳия гардидааст.
3. Барнома ба ҳамоҳангсозии ҳуҷҷатҳои бунёдии соҳа ва нақшаҳои миллӣ оид ба дастгирии рушди соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.
4. Вазифаҳои Барнома аз беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ, баланд бардоштани сифати пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ, таъмини сифат ва бехатарии тандурустӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷагирии иқтисодӣ, муқаррар намудани расмиёт ва меъёрҳои банизомдарорандаи банақшагирӣ, ҷорӣ намудани амсилаҳои имконпазири пешниҳоди хизматрасонии бистарикунонӣ, баланд бардоштани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкориҳо бо дигар шарикон ва бахшҳои иҷтимоӣ, кам намудани фарқиятҳои соҳавӣ, ки зимни дастрасии хизматрасонии аввалияи тиббию санитарӣ ва бистарикунонӣ пешбинӣ гардидаанд.
5. Барнома оғози давраи нави табаддулот дар соҳаи ташкил ва таҷдиди системаи тандурустӣ, намудҳои хизматрасониҳои тиббӣ ва идоракунии сохторҳо буда, муайян намудани стандартҳои нави банақшагириро барои самтҳои рушди минбаъдаи муассисаҳои табобатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дорад.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ

6. Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, қариб 93 фоизи масоҳати онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Беш аз нисфи масоҳати Тоҷикистон дар баландии бештар аз 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, 73,7 фоизи аҳолии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекунад. Ҳиссаи сокинони деҳот тамоюл ба афзоиш дорад. Минтақаи кӯҳсор ҳамдигарро бурида гузашта, шароитҳои иқлимӣ ва мушкилоти инфрасохтори роҳ сабабгори мушкилот ҳангоми банақшагирии сохтори соҳаи тандурустӣ дар кишвар гардида, аҳамиятнокии вақти дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббиро ҳамчун яке аз омилҳои асосии банақшагирӣ нишон медиҳад.
7. Дар Барномаи мазкур тавсияҳо оид ба азнавсозии муассисаҳои табобатии давлатии тандурустии вилоятӣ ва ноҳиявӣ пешниҳод карда шудаанд. Таҳияи мушаххаси нақшаҳо ва стратегияи амалигардонии онҳо ба зиммаи мақомоти дахлдори вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии соҳаи тандурустӣ вогузор шудааст.
8. Нарасидани об ё умуман набудани он, инчунин инфрасохтори заифи санитарию техникӣ метавонад ба мушкилот вобаста ба вазъи саломатӣ, аз ҷумла, сироятҳои паразитӣ, исҳоли хунин, сироятшавӣ дар давраи ҳомиладорӣ ва дигар бемориҳои сироятӣ оварда расонад. Воқеан, бемориҳои ба воситаи об гузаранда, метавонанд то 40 фоизи маҷмӯи бемориҳои сироятиро ташкил диҳанд. Ин талаботро ба хизматрасонии тиббӣ дар соҳаҳои дахлдор зиёд намуда,

таъминоти нисбатан зиёди муассисаҳои тиббӣ ва катҳоро, ки нишондиҳандаи миёнаи миллиро инъикос менамоянд, асоснок месозад.
9. Новобаста ба беҳтар гардидани нишондоди фавти навзоду кӯдак, инчунин дигар нишондоди сатҳи камбизоатӣ ва нишондодҳои иҷтимоӣ дар даҳ соли охир, барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ чун пештара бо сабаби маблағгузории нокифояи давлатӣ ва афзоиши аҳолӣ маҳдуд боқӣ мондааст.
10. Мушкилоти тибби ҷамъиятӣ сарчашмаи асосии маҷмӯи бемориҳо дар кишвар ба ҳисоб рафта, барои муайян намудани муносибат ва миқдори умумии банақшагирии системаи тандурустӣ дар Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат мекунад.
11. Ташкили хизматрасониҳои тиббӣ дар Тоҷикистон аз чор сатҳи маъмурӣ - ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ ва деҳот таркиб ёфта, хизматрасониҳои зеринро пешбинӣ менамояд:
- хизматрасонии махсусгардонидашудаи статсионарӣ дар пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ ва марказҳои махсусгардонидашуда гузаронида мешаванд (ҷарроҳии дилу рагҳо, пайвандсозии узвҳо ва ғайра);
- хизматрасонии умумии статсионарӣ дар беморхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва минтақавии деҳотӣ пешниҳод карда мешавад;
- хизматрасонӣ оид ба таваллуд аз ҷониби шуъбаҳои таваллудхонаҳои беморхонаҳо ва таваллудхонаҳо пешниҳод мегардад;
- хизматрасониҳои тибби равонӣ аз ҷониби муассисаҳои бемориҳои равонӣ ва марказҳои махсусгардонидашудаи психоневрологӣ анҷом дода мешаванд;
- хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи дармонгоҳӣ аз ҷониби марказҳои махсусгардонидашудаи бемориҳои сил, марказҳои наркологӣ ва эндокринологӣ, марказҳои солимии репродуктивӣ, эмгузаронӣ, бемориҳои тропикӣ пешниҳод мешаванд. Дар баъзе аз ин муассисаҳо катҳо барои бистаринамоӣ мавҷуд мебошанд, ки онҳо хизматрасонии махсусгардонидашудаи статсионариро пешниҳод мекунанд;
- кумаки аввалияи тиббию санитарӣ аз ҷониби марказҳои саломатии шаҳрию ноҳиявӣ ва инчунин марказҳои саломатии деҳотӣ ва бунгоҳҳои саломатӣ анҷом дода мешаванд. Дар баъзе аз ин муассисаҳо хизматрасониҳои дандонпизишкӣ пешниҳод карда мешаванд. Бо рушди тибби оилавӣ 9 маркази таълимию клиникии тибби оилавӣ таъсис дода шудаанд. Дар як қатор марказҳои саломатии шаҳрию ноҳиявӣ хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ бо принсипи тибби оилавӣ ташкил карда шудааст;
- кумаки тиббии барқароркунӣ аз ҷониби осоишгоҳҳо ва муассисаҳои будубоши муваққатӣ, марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолону маъюбон, марказҳои хизматрасонии иҷтимоии будубоши рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта расонида мешавад;
- хадамоти ёрии таъҷилии тиббӣ дар тамоми беморхонаҳои вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ дастрас мебошад. Дар деҳотҷойҳо хизматрасонии ёрии таъҷилии тиббӣ асосан аз ҷониби марказҳои саломатии деҳот анҷом дода мешавад. Нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ нокифоя буда, аслан аз автомашинаҳои кӯҳна ва ғайристандартӣ иборат мебошад, норасоии таҷҳизоти тиббӣ ва маводи барои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ зарурӣ имкониятҳои онро маҳдуд месозанд;
- марказҳо оид ба ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, солимии репродуктивӣ, эмгузаронӣ, мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ, мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният ва ташаккули тарзи ҳаёти солим таъсис дода шуданд.

12. Дар ҷумҳурӣ пардохти хизматрасониҳои тиббӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, 31 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар доираи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020, №252 тасдиқ шудааст фаъолият менамоянд. Маҷмӯи умумии маблағҳои давлатӣ, ки ба муассисаҳои тиббӣ ҷудо карда мешаванд, аз шумораи катҳо, воҳидҳои корӣ ва хароҷоти воқеии хоҷагӣ (коммуналӣ) иборат мебошад.
13. Масъалаи муҳим дар таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ мавҷудият, истифодаи саривақтӣ ва самараноки таҷҳизоти тиббии муосир мебошад. Гарчанде дар солҳои охир муассисаҳои тиббии сохташуда ва таъмиру азнавсозигардида бо таҷҳизоти тиббии муосир ҷиҳозонида шуда бошанд ҳам, аксари муассисаҳо дар солҳои 1970-1980 сохта ва

таҷҳизонида шудаанд, ки захираҳои истеҳлокии онҳо имконият ва самаранокии истифодаи онҳоро маҳдуд менамояд ва ба сифати хизматрасониҳои тиббӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

14. Маҳз ба вуқӯъ пайвастани бақайдгирии бемории сироятии COVID-19 дараҷаи ҳассосият ва мушкилоти соҳаро муайян намуда, водор сохт, ки аҳли ҷомеаи ҷумҳурӣ фикру ақидаи худро нисбат ба соҳаи тандурустӣ ва кормандони соҳаи тиб ба самти мусбӣ тағйир диҳад. Ҳамзамон, вазъи эпидемиологии бавуҷудомада норасоиҳо ва мушкилоти соҳаи тандурустӣ, омодагии муассисаҳои соҳаро ҷиҳати таъсирнокӣ ба ҳолатҳои фавқулодаи тандурустии ҷамъиятӣ муайян намуд.

15. Гарчанде нишондодҳои гирифторшавӣ ба бемории сироятии COVID-19 ва фавт аз ин беморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳамаи давлатҳои дунё паст бошанд ҳам, вале мавҷуд будани мушкилоти кадрӣ, иқтидорҳои сохторҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва беморхонавӣ, таҷҳизоти муосири тиббӣ, маводи доруворӣ, озмоишгоҳӣ, имкониятҳои санитарию эпидемиологӣ ва дигар инфрасохтори заифи соҳаи тандурустии кишвар ошкор гашт.

## 3. МУШКИЛОТ ВА САМТҲОИ АСОСИИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

16. Мушкилоти асосӣ дар самти амалисозии Барнома аз инҳо иборат мебошад:

- маблағгузории нокифояи давлатӣ барои нигоҳдории муассисаҳои табобатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ин монеаи асосии таъмини беҳтари дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ мебошад;
- зарурати беҳтар намудани сифати нерӯи кадрии соҳа, таъсиси низоми самараноки таҳсилоти тиббӣ бо дар назар доштани ҳавасмандсозии кормандони соҳа. Сатҳи пасти музди меҳнати табибон яке аз омилҳои манфии боздорандаи на танҳо рушди иқтидори зеҳнии соҳаи тандурустӣ, балки дар маҷмӯъ боздорандаи раванди ислоҳоти тамоми соҳаи тандурустӣ мебошад;
- сатҳи пасти технологияи инноватсионӣ дар раванди муқаррарсозии ташхису табобати беморон;
- сатҳи пасти заминаи моддию техникии муассисаҳои тандурустӣ, алалхусус таъминот бо таҷҳизоти муосири ташхисию табобатӣ, набудани шароит дар шуъбаҳои қабул барои муоина, ба навъ ҷудокунии кӯдакони бемор ва расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба кӯдакон;
- фаъолияти маҳдуди хизматрасонии нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ ба аҳолӣ, махсусан ба кӯдакони синни то 5 сола;
- нокифоя ба роҳ мондани пешгирӣ ва назорати диспансерии беморон;
- нокифоя ба роҳ мондани ташаккули тарзи ҳаёти солим ва рушди фарҳанги санитарии аҳолӣ;
- набудани ҳамгироӣ дар фаъолияти сохторҳои беморхонавӣ ва кумаки аввалияи тиббию санитарӣ;
- набудани низоми рақамикунонии коргузории электронӣ дар раванди муқаррарсозии ташхису табобат ва назорати диспансерии беморон.

17. Барои ноил шудан ба афзалиятҳои асосӣ дар татбиқи Барнома фаъолият дар самти таҳкими кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар давраи то соли 2025 тавассути тадбирҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

- сохтмон ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои тандурустии деҳот, таъмин намудани онҳо бо таҷҳизоти муосири озмоишгоҳӣ ва ташхисӣ. Дар баробари ин, дар сатҳи мазкур маҷмӯи асосии хизматрасониҳои тиббӣ талаботи ҳаддиақалӣ ба кумаки тиббиро дар дармонгоҳҳо, бо дарназардошти бо маводи доруворӣ таъмин намудани гурӯҳҳои осебпазирӣ аҳолӣ пешбинӣ менамояд;
- боздиди низоми мавҷудаи банақшагирӣ ва маблағгузории воҳидҳои кории муассисаҳои табобатии давлатии ҷумҳурӣ;
- ҳамгироии муассисаҳое, ки барномаҳои амудиро дар шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ амалӣ менамоянд;
- ташкил намудани ҷамъи (аккумулятсияи) маблағҳо ва маблағгузории муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар асоси низоми маблағгузории сарикасӣ ва индикаторҳои натиҷавии фаъолият;
- ворид ва тавсеа бахшидани низоми пардохт барои табобати хонагӣ, табобат дар статсионарҳои рӯзона ва сохторҳои беморхонавӣ барои ҳар як ҳолати табобат;
- тавсеа бахшидани истифодаи технологияҳои муосири иттилотию коммуникатсионӣ – коргузории электронӣ, тибби рақамӣ, тибби фосилавӣ, шиносномаи электронии тиббии шаҳрванд, махзани аксҳо ва ҳуҷҷатҳои тиббӣ;
- тавсеа бахшидани низоми даврҳои кӯтоҳмуддати баланд бардоштани тахассус (ҳар сол на кам аз 20 фоизи табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ);

- ташкили мубориза бо бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятии аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим, ба монанди ВНМО/БПНМ, сил, гепатитҳои вирусӣ, фишорбаландӣ, бемории ишемиявии дил, диабети қанд;
- марҳила ба марҳила зиёд намудани маблағгузории тандурустӣ то соли 2025 на кам аз 3,0 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва 9,0 фоиз аз ҳиссаи ҳамаи хароҷоти давлатӣ.

## 4. МЕЪЁРҲОИ БАНАҚШАГИРӢ БАРОИ РАСИДАН БА ҲАДАФҲОИ БАРНОМА

18. Барнома муайян намудани стандартҳои нави банақшагириро, ки дар асоси он муассисаҳои табобатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда рушд меёбанд, пешбинӣ менамояд. Таъсис додани ин ченакҳо ба таҳлили вазъи ҷорӣ ва захираҳои мавҷуда аз нуқтаи назари муассисаҳои тандурустӣ, захираҳои меҳнатӣ, хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ асос меёбанд, ки бо маълумот ва стандартҳои коркард барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти шароитҳо ва захираҳои мавҷуда муқоиса шуда, хусусиятҳои иқтисодию иҷтимоӣ, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббиро таъмин менамояд.
19. Ченакҳои банақшагирӣ, ки дар боби мазкур таҳия шудаанд, асоси арзёбии талабот барои муассисаҳои тиббӣ ва захираҳо дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва беморхонавӣ мебошанд. Ин ченакҳои банақшагирӣ самти таҳияи нақшаи стратегиро дар ҳар як вилоят, ноҳияи ҷумҳурӣ муайян сохта, равия ва қарорҳои стратегиро ифода менамояд, ки онҳоро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ ҳангоми банақшагирии таҷдиди соҳаи тандурустӣ, вазифаҳо ва стандартҳои хизматрасонӣ, муассисаҳо ва таҷҳизот, инчунин нишондиҳандаҳои самаранокӣ метавон пайгирӣ намуд.
20. Барои ҳар як ноҳия таҳлили алоҳида бо дар назар доштани шароитҳои дастрасӣ, ҳолати ҷуғрофӣ, сохтори синну солии аҳолӣ, пешгӯиҳои баландшавии шумораи аҳолӣ ва вазъи эпидемиологӣ, таҳия карда шудааст.
21. Шумораи аҳолии Тоҷикистон дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025 чунин пешбинӣ карда мешавад:

**Ҷадвали 1**

| **ҳо** | **19** | **22** | **25** |
|---|---|---|---|
| Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | | | |
| Хатлон | 0 | | 7 |
| Суғд | 0 | | 3 |
| оҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 0 | 7 | 7 |
| ушанбе | | | |
| и Тоҷикистон | 0 | | 38 |

22. Шумораи умумии аҳолии Тоҷикистон ба 6,6 фоиз то соли 2022 ва 13,7 фоиз то соли 2025 зиёд мегардад. Пешбинии шумораи аҳолӣ ба сифати ченаки ҷудонашавандаи банақшагирии истифодабарии хизматрасониҳои тиббӣ дар оянда ва иқтидори муассисаҳои аввалия ва дуюмдараҷа барои вилоятҳо ва ноҳияҳо истифода бурда мешавад.
23. Сохтори таркибии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали зерин оварда шудааст.
Ҷадвали 2

| **и аҳолӣ** | **и** | **и** | **и** |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| и кӯдакони синну соли то 15-сола | | | |
| и занҳои синни репродуктивӣ | | | |
| и зиндатаваллуд дар 1 сол | | | |
| и кӯдакони то 5-сола | | | |
| и аҳолии 15-64-сола | | | |
| и аҳолии 65-сола ва калонтар | | | |

**§1.Вақти дастрасӣ ва минтақаҳои фарогирӣ**

24. Беҳтар намудани дастрасӣ ба кумаки тиббӣ ин афзалияти асосиии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи ҳифзи солимиии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба шумор меравад. Мутобиқи стратегияҳои мазкур, баробарӣ ба дастрасии кумаки тиббӣ, аз он ҷумла, рушди шабакаи таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ дар нуқтаҳои алоҳида ва камаҳолӣ беҳтар мегардад.
25. Вақти дастрасӣ ба кумаки тиббии сатҳҳои гуногун, асоси таркибии системаи банақшагирӣ ба ҳисоб меравад. Масофа ва вақти дастрасӣ ба маркази кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва беморхонаҳо, ки барои муолиҷаи оҷил ҳангоми ҳодисаҳои шадид таъин карда шудаанд, барои аксари бемориҳо бояд қобили қабул бошад.
26. Минтақаи фарогирӣ дар нақшаи ҷуғрофию нуфусӣ набояд ниҳоят танг бошад, то ин ки сифат ва бехатарии тандурустиро кафолат диҳад ва хароҷоти хизматрасониҳои баландтехнологии тиббиро 24 соат дар 1 шабонарӯз ва 7 рӯз дар 1 ҳафта пӯшонад.
27. Дар қисмати ёрии таъҷилии тиббӣ, бояд ташкили муносиби воситаҳои санитарию нақлиётӣ, аз ҷумла реанимобилҳо барои сари вақт ва ҷавобгӯй ба талаботи системаи роҳхатӣ ҷиҳати қонеъ намудани талаботи аҳолӣ таъмин карда шавад.
28. Вақти дастрасӣ ба сатҳҳои гуногуни кумаки тиббӣ дар ҷадвали зерин оварда шудааст.
Ҷадвали 3

| **и кумаки тиббӣ** | **дастра ҳодгардида** | **и ҳаракат** |
|---|---|---|
| ои саломатӣ | ақиқа | |
| ҳои саломатии деҳот | ақиқа | мобил |
| ҳои саломатии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ | ақиқа | мобил |
| саҳои бистарикунонӣ | ақиқа | мобил |

29. Дар нуқтаҳои нисбатан ками шумораи аҳолӣ (ҷойгиршавии беморхонаҳо қонеъ намекунад), ки дар он ҷо масъалаи дастрасии хусусияти ҷуғрофидошта мушоҳида мешавад, вақти дастрасӣ ба кумаки таъҷилӣ ва фаврӣ 60-90 дақиқаро ташкил медиҳад.

**§2. Таҷдид ва рушди кумаки аввалияи тиббию санитарӣ**

30. Кумаки аввалияи тибию санитарӣ ва сохторҳои он (муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ, марказҳои солимии репродуктивӣ ва таваллудӣ, ёрии таъҷилии тиббӣ, хадамоти санитарию эпидемиологӣ) минтақаи тамоси аввалини аҳолӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ ба ҳисоб мераванд. Сохтори муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

иборат аз 2860 муассиса бо иқтидори нақшавии 62898 ташрифот дар як баст буда, ҳамасола бештар аз 40 млн ташрифоти дармонгоҳиро анҷом медиҳад, ки таносуби он ба 1 шаҳрванд дар сол 4,4 ташрифро ташкил медиҳад.

31. Мутаассифона, бештар аз 50 фоизи беморони дар ҳолати нақшавӣ қарор дошта, бе муроҷиат ба кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва роҳхат барои бистаришавӣ, бевосита ба муассисаҳои беморхонавӣ муроҷиат мекунанд ва бистарӣ мешаванд.

32. Рушди кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар асоси принсипҳои тибби оилавӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамгироии хизматрасониҳои тиббӣ дар ҳамаи сатҳҳои кумаки тиббӣ ва намудҳои таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ, таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои сифатноки тиббӣ ин афзалияти стратегии сиёсати пешниҳод намудани хизматрасониҳои тиббӣ барои 10 соли наздик мебошад.

33. Амалҳо барои ноил гардидан ба мақсадҳои Барнома дар ин самт чунин мебошанд:

- ба ҳисоби миёна як маркази саломатии ноҳиявӣ/шаҳрӣ барои шаҳр/ноҳия;
- ба ҳисоби миёна як маркази хадамоти санитарию эпидемиологии ноҳиявӣ/шаҳрӣ барои шаҳр/ноҳия;
- як нуқтаи ёрии таъҷилии тиббӣ бо зерсохтори худ ва 1 автомашинаи (бригадаи) ёрии таъҷилии тиббии сайёр дар ноҳия/шаҳр барои 10 000 аҳолӣ;
- як маркази саломатии деҳот ба аҳолии иборат аз 5000 нафар;
- як бунгоҳи саломатӣ барои аҳолии иборат аз 700 нафар (дар ҳолати ҷойгир будани муассисаи тандурустӣ дар масофаи бештар аз 5 км, бунгоҳи саломатӣ метавонад барои аҳолии иборат аз 300 нафар таъсис дода шавад).

34. Иқтидори нақшавии муассисаҳо ва ташрифҳои дармонгоҳӣ дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025:

Ҷадвали 4

| ҳо | 19 | | 22 | | 25 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | и ташри аст | и ташрифо дар як сол | и ташри аст | и ташрифо дар як сол | и ташри аст | и ташрифот ар як сол |
| Кӯҳистони Бадахш | | | | | | |
| Хатлон | | | | | | |
| Суғд | | | | | | |
| ноҳияҳои т | | | | | | |
| ушанбе | | | | | | |
| и Тоҷикистон | | | | | | |

**§3. Ҳамгироии барномаҳои амудӣ бо кумаки аввалияи тиббию санитарӣ**

35. Муассисаҳои тандурустии махсусгардонидашуда, ки дар сатҳи дармонгоҳӣ барномаҳои амудиро (солимии репродуктивӣ, сил, иммунопрофилактика, ВНМО/БПНМ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ғайра) амалӣ менамоянд, фаъолияти мустақилона дошта, вазифаҳои алоҳидаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитариро такрор ва иҷрои вазифаҳои мутахассисони тибби оилавиро маҳдуд менамоянд.

36. Бояд қайд кард, дар аксарияти шаҳру ноҳияҳо то 50 фоизи маблағҳо дар сатҳи амбулаторию дармонгоҳӣ пешниҳод шуда, барои фаъолияти муассисаҳои тандурустии махсусгардонидашуда истифода мегарданд.

37. Имрӯз маблағгузории муассисаҳои тандурустии махсусгардонидашуда асосан аз буҷети давлатӣ амалӣ гардида, зарурати ҳамгироии онҳо дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо бо

сохторҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ба миён омадааст. Муассисаҳо барои таҳия ва амалигардонии барномаҳои амудӣ метавонанд ҳамчун марказҳои дастурӣ ва мониторингӣ дар сатҳи миллӣ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе фаолият намоянд.

**§4. Рушди хизматрасониҳои таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ**

38. Ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ дар замони муосир яке аз самтҳои муҳимми хизматрасониҳои тиббӣ ба шумор рафта, ҳамарӯза кормандони ин сохтор ҳаёти ҳазорҳо нафар одамонро наҷот мебахшанд.
39. Ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ ин на танҳо анҷом додани тадбирҳои табобатӣ дар хона ва ё ҷойи ҳодиса мебошад, балки дар баъзе ҳолатҳо ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ ба нафароне лозим мешавад, ки дар муассисаҳои тандурустӣ қарор дошта, ин муассисаҳо бо ҳолатҳои фавқулода сару кор надоранд (клиникаҳои хусусӣ, ҳуҷраҳои дандонпизишкӣ, диспансерҳои зиддисилӣ ва ғайра).
40. Ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ бояд ройгон, бетаваққуф, оҷилона, зудамал (муоина, ташхис ва кумаки тиббӣ дар муҳлати кӯтоҳтарин) ва шабонарӯзӣ расонида шуда, фаъолияти сохтори мазкур аз ҳисоби буҷети давлатӣ ё суғуртаи ҳатмии тиббӣ пурра маблағгузорӣ карда шавад. 41. Бригадаҳои ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ метавонанд дар ҳолати мавҷуд будани нишондод беморон ва маҷрӯҳонро ба беморхонаҳо интиқол диҳанд ва шахсонеро, ки бевосита ба худи бинои ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ муроҷиат намудаанд, муоина намоянд ва ба онҳо кумаки тиббӣ расонанд.

**§5. Таҷдид ва рушди сохтори беморхонавӣ**

42. Сохтори беморхонавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 494 беморхонаҳои дорои 40598 катҳои беморхонавӣ иборат буда, ҳамасола бештар аз 1 млн нафар шаҳрвандон аз хизматрасониҳои беморхонавӣ бархӯрдор мешаванд.
43. Вазъи ногувори санитарию техникии беморхонаҳои минтақавии деҳотӣ, рақамии ноҳиявӣ ва қисме аз беморхонаҳои марказии ноҳиявӣ таҷҳизоти техникӣ, маишӣ ва тиббии онҳо ва сифати пасти хизматрасониҳои беморхонавӣ ба фаъолияти муносиби ин муассисаҳо, инчунин ба самаранокӣ, сифат ва каммасрафии хизматрасонӣ монеа мегарданд. Бештар аз 50 фоизи бинои беморхонаҳои мазкур, ки дар давраи то солҳои 1990 сохта шудаанд, ба талаботи асосӣ ҷавобгӯй нестанд.
44. Бистаринамоии беасос, имконнопазирии қаблии ташхиси беморони нақшавӣ, будубоши дуру дарози беморон ва истифодаи нокифояи стандартҳои ташхисию табобатӣ, номукаммал будани системаи маблағгузорӣ ба истифодаи бесамари сохторҳои беморхонавӣ оварда, хароҷоти беморхонаҳоро барои табобат боло бурдааст.
45. Дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои беморхонавӣ душвор гардида, нишондиҳандаи бистаринамоӣ поён рафтааст.
46. Бо мақсади таъмини самаранокии истифодаи сохторҳои беморхонавӣ, кам намудани бистаринамоии беасос, паст намудани арзиши табобат ва ҳиссаи музди меҳнат дар хароҷоти беморхонавӣ бояд дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои беморхонавии босифат тавассути беҳтарсозии хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, кам кардани муҳлати давомоти миёнаи будубоши беморон дар беморхона, бо таври васеъ ба роҳ мондани истифодаи статсионарҳои рӯзона ва статсионар дар хона бо шумораи камтарини катҳо ва таъмини самаранокии истифодаи онҳо беҳтар карда шавад.
47. Амалҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои Барнома дар ин самт чунинанд:
- дар деҳот дар ҳудуди хизматрасонии 2-3 маркази саломатии деҳотӣ, ки шумораи аҳолӣ 10000 – 15000 нафарро ташкил медиҳад, таъсис додани беморхонаи минтақавии деҳотӣ, ки дар зинаи аввали хизматрасониҳои тиббӣ қарор доранд, бо иқтидори на камтар аз 25 кати бистаринамоӣ ва вобаста ба шумораи аҳолӣ то 100 кат дорои шуъбаҳои таваллудӣ, бемориҳои дарунӣ ва кӯдакона ташкил карда шаванд;
- беморхонаҳои рақамии ноҳиявӣ, ки ғунҷоишашон аз 100 кат камтар мебошад, ба беморхонаҳои минтақавии деҳотӣ табдил дода шаванд;

- беморхонаҳои марказии шаҳрию ноҳиявӣ, ки дар сатҳи дуюми хизматрасониҳои тиббӣ қарор доранд, бо ғунҷоиши на камтар аз 100 кат то 300 кат, бо дар назар доштани шуъбаҳои умумии табобатӣ (бемориҳои дарунӣ, кӯдакона, таваллудӣ, ҷарроҳӣ ва сироятӣ) бе таъсиси шуъбаҳои махсусгардонидашуда (бемориҳои дил, асаб, чашм ва ғайра) таъсис дода шаванд;
- беморхонаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки дар сатҳи сеюми хизматрасониҳои тиббӣ қарор доранд, бо ғунҷоиши 300 кат ва аз ин бештар, дорои ҳамаи намуди хизматрасониҳои махсусгардонидашуда, дар шакли марказҳои холдингии бисёрсоҳавӣ (дармонгоҳӣ машваратӣ, сохторҳои солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва офиятбахшӣ) фаъолият намоянд;
- дар назди марказҳои саломатии шаҳрӣ (ноҳиявӣ) ва беморхонаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ бидуни маблағгузории иловагӣ статсионарҳои рӯзона таъсис дода шаванд;
- марказҳои саломатии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва деҳотӣ метавонанд ташхису табобати беморонеро, ки эҳтиёҷот ба назорати шабонарӯзӣ надоранд, бо тартиби статсионар дар хона ташхису табобат намоянд.

48. Шумораи катҳои бистаринамоӣ дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025 ба таври зерин тавсиф дода мешавад:

Ҷадвали 5

| ҳо | 19 | | | 22 | | | 25 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | аи катҳо | исти-ф | ша-вӣ й | и катҳо | исти-ф | шавӣ б | и катҳо | исти-ф | шавӣ б |
| Мухтори Кӯҳис он | | | | | | | | | |
| Хатлон | | | | | | | | | |
| Суғд | | | | | | | | | |
| оҳияҳои тобеи ҷум | | | | | | | | | |
| ушанбе | | | | | | | | | |
| и тон | | | | | | | | | |

49. Ҳадафҳои мазкур ҳамчун намуна барои рушди фаъолияти зерин пешниҳод гардидаанд:
Ҷадвали 6

| | и мақсаднок татсионари рӯзона | | | и мақсаднок арроҳии дармонгоҳӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **и кӯтоҳ-** | **и миёна-** | **и дароз-** | **и кӯтоҳ-** | **и миёна-** | **и дароз-** |
| илоятӣ | з шумораи ум гардонӣ | из аз шум бистари-гардон | из аз шум бистари- гардон | з шумораи ум и ҷарроҳӣ | из аз шумо амалиёти ҷарр | из аз шум амалиёти ҷарр |
| оҳиявӣ/ | из аз шум бистари-гардо | из аз шум бистари-гардон | из аз шум бистари-гардон | из аз шум амалиёти ҷарр | из аз шумо амалиёти ҷарр | из аз шум амалиёти ҷарр |

50. Ихтисори катҳо дар таваллудхонаҳо ба назар гирифта нашудааст. Новобаста аз нисбатан кам будани будубоши миёнаи бистарӣ будан дар муассисаҳои таваллудӣ бо дарназардошти сатҳи баланди таваллуд ва зиёд будани зоишҳои хонагӣ дар баъзе ноҳияҳои дурдаст эҳтиёҷот ба катҳои таваллудхонаҳо зиёд мебошад.
51. Шумораи таваллудҳо дар як сол то 400 таваллуд ба ҳисоби миёна барои шуъба ва бо ҷарроҳии умумӣ ба ҳисоби миёна то 700-800 амалиётро барои толори ҷарроҳӣ ташкил медиҳад.

52. Дар сохтори беморхонаҳои шаҳрию ноҳиявӣ ва беморхонаҳои сироятӣ иқтидори шуъбаҳои бемориҳои сироятӣ бояд таҳким бахшида шуда, дар ҳолати хуруҷи бемориҳои сироятӣ бояд омодагии доимӣ дошта бошанд.
53. Бо ворид намудани механизми нави маблағгузории муассисаҳои сохтори беморхонавӣ аз рӯи ҳолати табобатшуда зарурати ҳар чӣ бештар ба табобати беморхонавӣ фаро гирифтани беморон бо истифодаи камтарини катҳо бо мақсади самаранок истифода бурдани катҳои беморхонавӣ ва маблағҳо ва на ба шумораи катҳо ба миён меояд.
54. Меъёрҳо оид ба нигоҳубин / барқарорсозии миёнамуҳлат ба ҳисоби миёна 0,5 кат ба 1000 нафари синни 15-сола ва аз он калон ва табобати дарозмуҳлати беморон ба ҳисоби миёна 2 кат ба 1000 нафари синни 50-сола ва аз он калон мебошад.
55. Дар соли 2019 шумораи умумии кормандони тибби дар муассисаҳои статсионарии ҷумҳурӣ фаъолияткунанда 32029 нафарро ташкил дод. Аз ин теъдод 7465 табибон (аз ҷумла, 998 ҷарроҳ, 627 табибони наҷот ва беҳискунӣ, 483 табибони бемориҳои дарунӣ, 238 нафар сироятшиносон, 452 табибони бемориҳои кӯдакона, 268 неонатологҳо, 827 акушер-гинекологҳо) ва 24 564 кормандони миёнаи тиб (аз ҷумла, 576 фелдшерон, 19 604 ҳамшираи тиббӣ, 2974 momодояҳо). Таносуб дар ин ҳолат барои як кати умумӣ 0,79 нафар кормандони тиб, аз ҷумла, 0,18 табиб ва 0,60 корманди миёнаи тиб ифода гардида буд.

§6. Рушди захираҳои кадрӣ
56. Банақшагирӣ, омода ва бозомӯзии захираҳои инсонӣ, бахусус кормандони тиб, як раванди дарозмуддат буда, натиҷаҳои он ба дастрасӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ барои аҳолӣ таъсир мерасонанд.
57. Дастрасии захираҳои инсонӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳаи тандурустӣ, хусусан аз ҷиҳати дастрасӣ, баробарӣ, сифат ва самаранокии соҳа муҳим аст. Ин равиш муносибати мунтазам барои ба нақшагирӣ, омӯзиш, фароҳам овардани шароити муносиб ва мусоид барои шуғл, шартҳо барои мунтазам баланд бардоштани сифат ва таъминоти таҳсилоти баъдидипломӣ ва тавсеаи иқтидору фаъолияти илмиро дар соҳаи тиб дар назар дорад.
58. Дар шароити имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон ба норасоии умумии кадрҳои баландихтисоси тиббӣ эҳтиёҷ дорад. Тибқи маълумотномаи оморӣ, ин норасоӣ тақрибан 4400 табибони оилавӣ ва 4900 ҳамшираҳои тибби оилавиро ташкил медиҳад. Новобаста ба норасоии умумии кормандони тиб, дар аксари минтақаҳои кишвар ва дар бахшҳои тахассусӣ тамоюли изофагии табибон бо сабаби номувозинатӣ дар тақсимоти захираҳои инсонӣ аз рӯи соҳа ва тахассус ба назар мерасад.
59. Аз рӯи маълумоти охир, дар беш аз 30 шаҳру ноҳияҳо норасоии саратоншиносҳо, кардиологҳо ва эндокринологҳо дида мешавад. Норасоии табибони бемориҳои асаб, сил, чашм, гурда ва табибони бемориҳои пӯсту бемориҳои зӯҳравӣ дар зиёда аз 20 шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон дида мешавад. Инчунин, талаботи воқеӣ барои мутахассисони хуб омӯзонидашудаи тандурустии ҷамъиятӣ ва мутахассиси идоракунии самти тандурустӣ мавҷуд аст.
60. Таносуби воқеӣ табибон ба ҳамшираҳои тибби 1: 2,3-ро ташкил дода, шумораи ҳамшираҳои тибро бояд 2 маротиба зиёд намуда, нишондиҳандаи таносуби мазкур то ба 1:6 расонида шавад.
61. Таносуби табибони оилавӣ бояд ба ҳисоби миёна 1 табиби оилавӣ ба 1200-1500 нафар аҳолӣ ва 1 ҳамшираи тибби оилавӣ ба 600-750 нафар аҳолӣ баробар бошад.
62. Шумора, таъминот ва тахассусмандии табибон дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025.

Ҷадвали 7

| **ҳо** | **19** | | | **22** | | | **25** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **и табибон** | | **с** | **и табибон** | | **с** | **и табибон** | | **ус** |
| Кӯҳистони Бадах | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хатлон | | | | | | | | | |
| Суғд | | | | | | | | | |
| ноҳияҳои т | | | | | | | | | |
| ушанбе | | | | | | | | | |
| и Тоҷикистон | | | | | | | | | |

63. Шумора, таминот ва тахассусмандии кормандони миёнаи тиб дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025
Ҷадвали 8

| ҳо | 19 | | | 22 | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | корман<br>1 тиб | 0 | з | корман<br>1 тиб | 0 | с | корман<br>1 тиб | 0 | с |
| Мухтори Кӯҳис<br>он | | | | | | | | | |
| Хатлон | | | | | | | | | |
| Суғд | | | | | | | | | |
| и тобеи ҷумҳури | | | | | | | | | |
| ушанбе | | | | | | | | | |
| и Тоҷикистон | | | | | | | | | |

**§7. Таъмини ҳолати хуби техникӣ ва истифодаи самараноки таҷҳизоти тиббӣ**

64. Самаранокии таҷҳизоти тиббӣ яке аз омилҳои муҳим дар қатори касбиятнокии кормандони тиб ба ҳисоб рафта, сифати хизматрасониҳои тиббиро ба аҳолӣ муайян менамояд. Ду самти асосие, ки самаранокии таҷҳизоти тиббӣ ба онҳо алоқаманд мебошад, инҳо самаранокии клиникӣ ва самаранокии техникию иқтисодӣ мебошанд.
65. Самаранокии клиникӣ ба маҷмӯи имкониятҳои функсионалии таҷҳизот ва сифати иҷрои онҳо вобаста буда, самаранокии техникию иқтисодӣ бошад, аз арзиш, сифати таҷҳизот, ҳолати техникӣ ва арзиши хизматрасонии техникии он ҳангоми истифодабарӣ вобаста мебошад.
66. Сохторҳои махсусгардонидашуда оид ба хизматрасонии таҷҳизоти тиббӣ метавонанд хизматрасонии таҷҳизоти тиббиро, ки дар литсензия (иҷозатнома)-и онҳо нишон дода шудааст, анҷом диҳанд. Номгӯй бояд хизматрасонии таҷҳизотро, ки ширкати истеҳсолкунанда иҷозат додааст, дар бар гирад.
67. Иҷрои корҳо оид ба хизматрасонии техникии таҷҳизоти тиббӣ аз назорати ҳолати техникӣ, хизматрасонии техникӣ дар ҷараёни истифодабарӣ ва барқарор намудани фаъолияти таҷҳизоте, ки аз фаъолият бозмондааст, иборат мебошанд.
68. Назорати вазифаҳои ченкунии таҷҳизоти тиббӣ бояд ба зиммаи хадамотҳои хизматрасонии техникии ширкати истеҳсолкунанда ва дар ҳолатҳои алоҳида бевосита ба муҳандисони хизматрасони муассисаҳои тандурустӣ вогузор карда шавад.

**§8. Баланд бардоштани маърифати санитарии аҳолӣ**

69. Бо дарназардошти он ки зиёда аз 90 фоизи тамоси аввалини аҳолии кишвар дар сатҳи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ анҷом дода мешавад, кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар ҳамбастагӣ бо марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим нуқтаи асосии тарғиби тарзи ҳаёти солим ба аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

70. Марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва дигар сохторҳои тандурустӣ барои эҷод намудани рафтору кирдорҳо, маҳоратҳо ва манбаъҳои зарурӣ дар самти таъмин намудани тавонмандии одамон дар масъалаи таҳти назорат гирифтани саломатии худ масъул мебошанд. Дар ин самт бояд доираи иштирокдорони мухталиф (ташкилотҳои дохили деҳа, ҷонибҳои манфиатдори соҳаи тандурустӣ), инчунин воситаю механизмҳо (маъракаҳои иттилоотӣ, маводи чопии тарғиботӣ ва ташвиқотӣ) васеъ гардида, сатҳи огоҳии мардум оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим, боварии аҳли ҷомеа нисбати хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳисси масъулияти муштарак низ баланд бардошта шавад.
71. Дастгирии худидоракунии беморони мубталои бемориҳои музмин тавассути баланд бардоштани сатҳи дониш, маҳорату сатҳи эътимод ва боварӣ дар идоракунии вазъи саломатӣ ва нигоҳубини худ, тақвияти ёрӣ ва дастгирии байниякдигарии беморон ҷиҳати расонидани кумак ва ёрӣ ба дигарон дар ҳолату вазъиятҳои ба ин монанд, оғоз намудани муколама дар самти эҷод намудани як замина барои баҳсу баррасӣ намудани масъалаҳои ҳуқуқҳои беморон, ҷалб намудани дигар бахшҳо метавонад манфиатовар бошад.

## 4.СТАНДАРТҲОИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА ОИД БА ТАҶҲИЗОТИ ТИББИИ МУОСИР БАРОИ МУАССИСАҲОИ ТАНДУРУСТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

72. Мавҷуд будани таҷҳизоти тиббӣ гарчанде яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи афзоиши хароҷоти соҳаи тандурустӣ бошад ҳам, омили муҳим барои беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои табобатии давлатӣ ва вазъи солимии аҳолӣ мусоидат мекунад.
73. Устувории молиявӣ ва заминаи хизматрасонии тиббӣ (самаранокӣ, сифат, бехатарӣ, сарфакорӣ, одилона ва ғайра) зарурати истифодаи технологияҳои тиббӣ ва шарти мавҷуд будани онро тақозо менамоянд.
74. Меъёрҳои истифодаи васеи таҷҳизоти тиббии дорои технологияи баланд ба вазъи эпидемиологӣ, солҳои охир бештар паҳн шудани бемориҳои хусусияти иҷтимоӣ дошта (бемории ишемиявии дил, фишорбаландӣ, диабети қанд, сил ва ғайра) афзалиятҳои тандурустии ҷамъиятӣ, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва шароитҳои дастрасӣ, барномасозии тандурустӣ аз нуқтаи назари стандартҳои хизматрасонӣ, ки дар ҳар як зинаи соҳа расонида мешавад, вобаста мебошанд.
75. Стандартҳои пешниҳодшаванда оид ба таҷҳизоти тиббии муосир барои муассисаҳои тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Ҷадвали 9

| тҳо | ти пешниҳодшаванда<br>ба аҳолӣ | аҷҳизот |
|---|---|---|
| фияи магнитию резонансӣ | адад ба ҳисоби миёна барои мил<br>ҳолӣ | |
| фияи компютерӣ | адад ба ҳисоби миёна барои мил<br>ҳолӣ | |
| раф | адад ба ҳисоби миёна барои мил<br>ҳолӣ | |
| т барои табобати нурӣ | адад ба ҳисоби миёна барои мил<br>ҳолӣ | |
| аф | дад ба ҳисоби миёна барои мил<br>ҳолӣ | |
| псия | адад ба ҳисоби миёна барои мил<br>ҳолӣ | |
| лиз | адад ба ҳисоби миёна барои мил<br>ҳолӣ | 58 |
| и нафасдиҳии сунъӣ | адад ба ҳисоби миёна барои мил<br>ҳолӣ | )0 |
| и эндо-видео-ҷарроҳӣ | дад ба ҳисоби миёна барои мил<br>ҳолӣ | |
| неонаталӣ | би миёна 2 ба 1000 таваллуд | |

| | | |
|---|---|---|
| ввалия) | | |
| неонаталӣ (сатҳи дуввум-муоль вӣ) | би миёна 1 ба 1000 таваллуд | |
| неонаталӣ (сатҳи шӯъбаи беҳискунӣ) | би миёна 0,5 ба 1000 таваллуд | |
| аф барои ология | би миёна 3 адад барои миллион на | |
| ри умумӣ | би миёна 10 адад барои миллион на | |
| барои ология | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| иллятор | би миёна 100 адад барои миллион на | |
| амера | би миёна 50 адад барои миллион на | |
| и стоматологӣ | би миёна 100 адад барои миллион на | |
| барои шуодиҳии рентгенӣ | би миёна 0,5 адад барои миллион на | |
| и бордоркунии экстракорпоралӣ | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| и абдоминоскопӣ | би миёна 10 адад барои миллион на | |
| и даруннигарии мобилӣ | би миёна 50 адад барои миллион на | |
| ндоскопҳо | би миёна 100 адад барои миллион на | |
| опи Olympus BX53 бо кам ардонида-шуда (MetaSystems). | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| и «АнгиоСкан-01» | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| барои ЭФИ | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| барои гузарондани аблат й | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| иаортагии баллонӣ / System 98 | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| и КЩС ABL80 FLEX B ІЕТЕR | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| опи ҷарроҳии OMS 900 offiss | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| эксимерии AllegrettoEye-Q 400hz | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| фи оптикии когерентӣ бо кам и васлгардида (68000 скан ия) НОСТ -1F | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| опи ҷарроҳии 0 Offis | би миёна 1 адад барои миллион на | |

*1. ТАҶДИД ВА РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТАНДУРУСТИИ ВИЛОЯТҲО, ШАҲРИ ДУШАНБЕ ВА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ҶУМҲУРӢ*

**§1. Таҷдид ва рушди кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

76. Дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар маҷмӯъ 346 муассисаҳои тандурустӣ, аз ҷумла 236 муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва 36 беморхона ба ҳолати то 1 январи соли 2020 фаъолият доштанд. Дар маҷмӯъ 491 табиб, 2017 кормандони миёнаи тиб (1546 ҳамшираҳои тиббӣ, 99 ёрдамчиёни табиб ва 242 момодояҳо) дар муассисаҳои тандурустии вилоят фаъолият менамоянд.

77. Сохтори муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дорои иқтидори нақшавии 647 ташриф дар як баст буда, ҳамзамон камтар аз 320000 ташрифоти дармонгоҳиро ҳамасола анҷом медиҳад, ки дар таносуб ба 1 шаҳрванд дар сол 1,4 ташрифро ташкил дода, аз душвории дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ шаҳодат медиҳад.

78. Тибқи маълумоти оморӣ, то 1 январи соли 2020 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 236 муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ фаъолият доштанд, аз ҷумла:

- 8 маркази саломатии шаҳриву ноҳиявӣ;
- 8 муассисаи ёрии таъҷилии тиббӣ;
- 1 маркази тибби оилавӣ;
- 50 маркази саломатии деҳот;
- 1 маркази дандонпизишкӣ;
- 169 бунгоҳи саломатӣ.

79. Иқтидори нақшавии гузариши муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва ташрифоти дармонгоҳӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025:

Ҷадвали 10

| ҳо | 19 | | 22 | | 25 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | и ташр аст | ташрифо дар сол | и ташрифот | и ташрифот ар сол | и ташр аст | и ташрифо дар сол |
| анҷ | | | | | | |
| ӯшон | | | | | | |
| Мурғоб | | | | | | |
| Рошткалъа | | | | | | |
| Ишкошим | | | | | | |
| ҷарвоз | | | | | | |
| Шуғнон | | | | | | |
| оруғ | | | | | | |
| Мухтори Кӯҳис он | | | | | | |

80. Дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (фоизи аҳолӣ, ки дар давоми муҳлати муайян дастрасӣ дорад):

Ҷадвали 11

| | | қиқа | қиқа | қиқа | 60 дақиқа | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| ъа | | | | | | |
| м | | | | | | |
| | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

81. Фосилаи вақте, ки аҳолии вилоят барои расидан ба марказҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ сарф менамояд, нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар бештар мебошад. Чунин вазъият аз хусусиятҳои ҷуғрофии минтақа, ба монанди ноҳияҳои кӯҳсори махсусан дар фасли сармо мушкилгузар ва зичии бениҳоят пасти аҳолии дар як қатор деҳаҳои хурд маскунгардида бармеояд.

**§2. Таҷдид ва рушди сохтори беморхонавӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

82. Сохтори беморхонавӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 36 беморхонаҳои дорои 1964 катҳои беморхонавӣ иборат буда, ҳамасола бештар аз 35324 нафар аз хизматрасониҳои беморхонавӣ бархӯрдор мешаванд.
83. Шумораи катҳои бистаринамоӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025:

Ҷадвали 12

| **ҳо** | **19** | | | **22** | | | **25** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | аи катх | исти-ф | шавӣ ба | о | исти-ф | шавӣ ба | аи катх | исти-ф | шавӣ ба |
| Ванҷ | | | | | | | | | |
| Рушон | | | | | | | | | |
| Мурғоб | | | | | | | | | |
| Роштқалъа | | | | | | | | | |
| Ишкошим | | | | | | | | | |
| Дарвоз | | | | | | | | | |
| Шуғнон | | | | | | | | | |
| оруғ | | | | | | | | | |
| Мухтори Кӯҳис он | | | | | | | | | |

84. Бо мақсади истифодаи сарфакоронаи иқтидорҳои сохтори беморхонавӣ кам намудани шумораи катҳо аз 8,6 то ба 5,6 ба 1000 нафар аҳолӣ ва бистаришавии аҳолӣ аз 15,5 ба 100 нафар аҳолӣ то 12,0 ҳамзамон, зиёд намудани фоизи истифодабарии катҳо аз 54,2 то ба 75,0 дар назар дошта шудааст.
85. Дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои беморхонавӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (фоизи аҳолӣ, ки дар муҳлати муайян дастрасӣ дорад):

**Ҷадвали 13**

| о | | | | қиқа | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| м | | | | | |
| ъа | | | | | |
| | | | | | |
| Мухтори Кӯҳис он | | | | | |

**§3. Рушди захираҳои инсонӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

86. Дастрасии захираҳои инсонӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳаи тандурустӣ, хусусан аз ҷиҳати дастрасӣ, баробарӣ, сифат ва самаранокии соҳа, ки ба релефи кӯҳии мураккаби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон алоқаманд мебошад муҳим аст.
87. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бештар ба мутахассисони соҳаи тандурустӣ таъмин бошад ҳам, ба норасоии умумии кадрҳои баландихтисоси тиббӣ эҳтиёҷ дорад. Тибқи маълумотномаи оморӣ, ин норасоӣ тақрибан 120 табиби оилавӣ ва бештар аз 55 ҳамшираи тибби оилавиро ташкил медиҳад.
88. Таносуби табибони оилавӣ ба ҳисоби миёна бояд 1 табиби оилавӣ ба 1200-1500 нафар аҳолӣ ва 1 ҳамшираи оилавӣ ба 600-750 нафар аҳолӣ баробар бошад.
89. Шумора, таминот ва тахассусмандии табибон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025:

Ҷадвали 14

| ҳо | **19** | | | **22** | | | **25** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **и табибон** | **о** | **ус** | **и табибон** | **о** | **с** | **и табибон** | **о** | **с** |
| Ванҷ | | | | | | | | | |
| Рӯшон | | | | | | | | | |
| Мурғоб | | | | | | | | | |
| Роштқалъа | | | | | | | | | |
| Ишкошим | | | | | | | | | |
| Дарвоз | | | | | | | | | |
| Шуғнон | | | | | | | | | |
| оруғ | | | | | | | | | |
| Мухтори Кӯҳис он | | | | | | | | | |

90. Шумора, таъминот ва тахассусмандии кормандони миёнаи тиб дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025:

Ҷадвали 15

| ҳо | 19 | | | 22 | | | 25 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | корман и тиб | о | с | корман и тиб | о | с | корман и тиб | о | с |
| Ванҷ | | | | | | | | | |
| Рӯшон | | | | | | | | | |
| Мурғоб | | | | | | | | | |
| Роштқалъа | | | | | | | | | |
| Ишкошим | | | | | | | | | |
| Дарвоз | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шуғнон | | | | | | | | | |
| оруғ | | | | | | | | | |
| Мухтори Кӯҳис он | | | | | | | | | |

**§4. Стандартҳои тавсияшаванда оид ба таҷҳизоти тиббии муосир барои муассисаҳои тандурустӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

91. Дурнамои таъминноти муассисаҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чунин пешниҳод карда мешавад:

Ҷадвали 16

| т | отҳои тавсияшавандаи таҷҳизот ни й | аҷҳизот |
|---|---|---|
| фи магнитию резонансӣ | адад ба ҳисоби миёна барои милл ҳолӣ | |
| фи компютерӣ | адад ба ҳисоби миёна барои милл ҳолӣ | |
| раф | адад ба ҳисоби миёна барои милл ҳолӣ | |
| т барои табобати нурӣ | адад ба ҳисоби миёна барои милл ҳолӣ | |
| аф | дад ба ҳисоби миёна барои милл ҳолӣ | |
| псия | адад ба ҳисоби миёна барои милл ҳолӣ | |
| лиз | адад ба ҳисоби миёна барои милл ҳолӣ | |
| и нафасдиҳии сунъӣ | адад ба ҳисоби миёна барои милл ҳолӣ | |
| и эндо-видео-ҷарроҳӣ | дад ба ҳисоби миёна барои милл ҳолӣ | |
| неонаталӣ (сатҳи аввалия) | би миёна 2 ба 1000 таваллуд | |
| неонаталӣ (сатҳи дуввум-муол вӣ) | би миёна 1 ба 1000 таваллуд | |
| неонаталӣ (сатҳи сеюм – шӯ нӣ) | би миёна 0,5 ба 1000 таваллуд | |
| аф барои ология | би миёна 3 адад барои миллион на | |
| ои умумӣ | оби миёна 10 адад барои милл ҳолӣ | |
| барои ология | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| иллятор | оби миёна 100 адад барои милл ҳолӣ | |
| амера | оби миёна 50 адад барои милл ҳолӣ | |
| и стоматологӣ | оби миёна 100 адад барои милл ҳолӣ | |
| барои шуодиҳии рентгенӣ | оби миёна 25 адад барои милл ҳолӣ | |
| и бордоркунии экстракорпоралӣ | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| и абдоминоскопӣ | оби миёна 10 адад барои милл | |

| | | |
|---|---|---|
| | ҳолӣ | |
| и даруннигарии мобилӣ | оби миёна 50 адад барои милл<br>ҳолӣ | |
| ідоскопҳо | оби миёна 100 адад барои милл<br>ҳолӣ | |
| опи Olympus BX53 бо кам<br>ардонида-шуда (MetaSystems). | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| и «АнгиоСкан-01» | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| барои РЧА, ЭФИ | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| барои гузарондани аблат<br>й | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| барои контрпулсат<br>ортагии баллонӣ / System 98 XT | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| и КЩС ABL80 FLEX B<br>IETER | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| опи ҷарроҳии OMS 900 offiss | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| эксимерии<br>oEye-Q 400hz | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| фи оптикии когерентӣ бо кам<br>и васлгардида (68000 скан дар со<br>.F | би миёна 1 адад барои миллион на | |
| опи ҷарроҳии OMS-800 Offis | би миёна 1 адад барои миллион на | |

**§5. Таҷдид ва рушди кумаки аввалияи тиббию санитарӣ**
**дар вилояти Хатлон**

92. Дар ҳудуди вилояти Хатлон дар маҷмӯъ 1666 муассисаи тандурустӣ, аз ҷумла 1174 муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва 156 беморхона ба ҳолати то 1 январи соли 2020 фаъолият мекунанд. Дар маҷмӯъ, 3852 табиб, 18841 корманди миёнаи тиб (14683 ҳамшираи тиббӣ, 635 ёрдамчии табиб ва 2134 момодоя) дар муассисаҳои тандурустии вилоят фаъолият доранд.
93. Сохтори муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар вилояти Хатлон дорои иқтидори нақшавии 21115 ташрифот дар як баст буда, ҳамасола камтар аз 12584000 ташрифоти дармонгоҳиро анҷом медиҳад, ки дар таносуб ба 1 шаҳрванд дар як сол 3,8 ташрифро ташкил медиҳад.
94. Тибқи маълумоти оморӣ, то 1 январи соли 2020 дар вилояти Хатлон 1174 муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ хизматрасониро дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ анҷом доданд, аз ҷумла:
- 32 маркази саломатии шаҳриву ноҳиявӣ;
- 28 муассисаи ёрии таъҷилии тиббӣ;
- 4 маркази тибби оилавӣ;
- 369 маркази саломатии деҳот;
- 13 маркази дандонпизишкӣ;
- 709 бунгоҳи саломатӣ.

95. Иқтидори гузариши нақшавии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва ташрифҳои дармонгоҳӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2019 ва дурнамо барои солҳои 2022 ва 2025:
Ҷадвали 17

| шаҳр ва ноҳия | 19 | | 22 | | 25 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | і ташрифот | ташрифо<br>дар сол | ташрифот | і ташрифот<br>ар сол | і ташр<br>аст | ташрифо<br>дар сол |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| н | | | | | | |
| дини Балхӣ | | | | | | |
| н | | | | | | |
| мони Ҷомӣ | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| с | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| обод | | | | | | |
